**Зӯроварӣ дар оила -** кирдори зидди ҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

20 декабри соли 1993 Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид Декларацияро оиди рафъ намудани зӯроварӣ нисбати занонро қабул кард.

Декларация якумин ҳуҷҷати байналхалқӣ мебошад, ки дар он фаҳмиши васеъи зӯроварӣ нисбати занҳо дода шудааст. Он ҳамаи намудҳои зӯровариро, чи дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва чи дар ҳаёти шахсӣ содиршударо мефаҳмонад, ки дар асоси аломатҳои ҷинсӣ содир шудаанд ва таҳдид шудаанд ё ин, ки таҳдиди расонидани зарари ҷисмонӣ ё руҳӣ ва таҳдиди чунин рафторҳо, маҷбур кардан ё худсарона аз озодӣ маҳрум карданро ба вуҷуд овардааст.

***Чанд намуди зӯроварӣ дар оила мавҷуданд?***

Чунин намудҳои зӯроварӣ дар оила мавҷуданд:

- Ҷисмонӣ;
- Равонӣ;
- Шаҳвонӣ;
- Иқтисодӣ;

**Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила:**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ва доир ба қонун Барномаи Давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст.

Доир ба мавзӯи арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитратии инсон аз ҷониби давлат эътироф ва риоя ва ҳифз карда мешавад. Ин дар моддаи 5 ва 10 - и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, чораҳои инфиродии ҳифзи ҷабрдидагон додани Амрномаи муҳофизатиро аз тарафи Шуъбаи корҳои дохилӣ дар асоси аризаи ҷабрдида дар бар мегирад. Амрномаи муҳофизатӣ чораҳои маҳдудкунии махсусро нисбати хушунатгар таъин мекунад ва ба муҳлати 15 шабонарӯз дода мешавад. Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ҳамчунин ҳуқуқ ба гирифтани кӯмак ба тариқи ройгон доранд.

<u>**Барои содир намудани зӯроварӣ дар оила, аз тарафи як аъзои оила нисбати дигар аъзои оила моддаҳои Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариҳои зеринро пешбини намудааст:**</u>

**Моддаи 116**.

Лату кӯб ё содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, бо корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати то яксаду бист соат ё бо ҷарима ба андозаи то сесад (то 12000 сомон) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 117**.

Азобу уқубати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бо роҳи лату кӯби мунтазам ё бо усули дигари зӯроварӣ, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад

**Моддахои 110-112**. Расонидани зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломати бо махрум кардан аз озоди ба мухлати аз чор мох то понздах сол чазо дода мешавад.

**Моддаи 138**.

Таҷовуз ба номус, яъне алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати зан ё нисбати дигар шахсони ба ӯ наздик ё бо истифода аз вазъияти оҷизонаи **зан**,- бо маҳрум сохтан аз озод**ӣ** ба мӯҳлати аз се то ҳафт сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 109.** Ба худкуши расонидан-пешбини шудааст, ки бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида ба худкушӣ ё сӯиқасди худкушӣ расонидани шахс, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.



**Ташкилоти ҷмъиятии “Дилафрӯз”-и вилояти Хатлон дар амалишавии Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила сахмгузор мебошад.**

**Аз ҳамкорӣ бо Шумо хеле шод аст!**


**Суроға:**
ш.Бохтар кӯчаи Дӯстии халқҳо 68
тел: (83222) 2-79-10
тел. Моб. (+992)918 65 92 93

Суроғаи электронӣ:
ngodilafruz@mail.ru



Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


# Пешгирии зӯроварӣ дар оила



**Хатлон – 2025**